**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи номзадии Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи “Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.04.- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ.**

Дар адабиёти тоҷик пайдоиш ва ҷараёни шаклгирии ҳикоя заминаҳои миллӣ ва суннати бою рангин дорад. Донишмандони аврупоӣ мутмаинанд, ки ин навъи насри бадеӣ дар адабиёти бисёре аз халқҳои дунё дар зери таъсири ҳикояти форсии тоҷикӣ, аз ҷумла, ҳикояҳои дилнишину дилрабои “Ҳазору як шаб” шакл гирифтааст. Нависандаи бузурги олмонӣ Г.Гессе китоби “Ҳазору як шаб”-ро сарчашмаи асосии эҷодиёти бародарон Гриммҳо медонад. Ғайр аз ин, дар насри классикии форсии тоҷикӣ усули баёну тасвири ҳикоят андар ҳикоят аз шеваҳои маъруфи насрнависӣ ба ҳисоб мерафт. Дар замони мо ҳамаи ин суннатҳои адабӣ дар шакли наву муосир дар эҷодиёти устодон С.Айнӣ, Ҷ.Икромӣ, Ҳ.Карим, А.Деҳотӣ, Б.Азизӣ ва дигарон эҳё гардида, дар насри муосири тоҷикӣ ҳикояи реалистиро ба вуҷуд овард, ки он баъдан тавассути эҷодиёти Ф.Муҳаммадиев, П.Толис, Сорбон, С.Турсун, У. Кӯҳзод, К.Мирзоев, А.Самад ва дигарон ба яке аз жанрҳои муҳим ва серкорбурди адабиёт табдил ёфт.

Масири адабию ҳунарии ташаккул ва инкишофи ҳикоя дар насри муосир воқеан ҷолиб ва қобили омӯзиш ва таҳқиқоти муфассалу доманадор мебошад. Аз ин ҷиҳат, мавзӯи диссертатсияи номзадии М.Маҳмудов комилан муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад. Чунки таҳқиқи проблемаҳои гуногуни ин ё он жанри адабӣ тасаввуроти умумиро дар борааш ба вуҷуд меорад ва такмил месозад. Бояд таъкид кард, ки проблемаи интихобгардида, ки бевосита ба ҷанбаҳои муҳтавоии ҳикояи давраи истиқлол иртибот мегирад, аз ҳар ҷиҳат муҳим аст. Зеро масоили иҷтимоию ахлоқӣ дар адабиёти класикию муосири тоҷик аз мавзуъҳои суннатӣ ва муҳимму асосӣ ба ҳисоб меравад. Мо бозтоби ин мавзӯъро дар насри классикӣ, хоса дар “Гулистон”-и Саъдӣ, “Ҷомеъ-ул-ҳикоёт”-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон зиёд ба мушоҳида мегирем. Ба назари ман, иртиботи анвои ҳикоят бо мавзуъҳои иҷтимоию ахлоқиро метавон ба ҳайси як қонунмандии инкишофи жанри ҳикоя баррасӣ намуд. Ин нукта дар диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аммо диссертант ба хотири мушаххас гардидани ҳудуди замонии таҳқиқоти худ онро дар доираи ҳикояи тоҷикии давраи истиқлол маҳдуд месозад, ки он воқеан аз

маҷмӯи вазифаҳои дар назди худ гузоштаи муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия сарчашма мегирад.

Аз тарафи дигар, дар се боб заминаҳо ва омилҳои таърихию иҷтимоӣ ва адабию ҳунарии ташаккули ҳикояи реалистӣ ва ғановати мавзуию мундариҷавии он дар давраи истиқлол муфассал таҳқиқ мешавад. Диссертант дуруст таъкид менамояд ки тафовутҳои инкишофи ин жанр ва хусусиятҳои бадеии онро дар ҳар марҳила ҷусутуҷуҳои хоси ҳунарӣ ва фардиёти эҷодии нависандагони ҳикоянавис муайян месозад.

Нуктаи дигаре, ки дар адабиёти тоҷикии садаи XX, хоса дар эҷоди анвои насри бадеӣ воқеият дошт, ин инкишофи насри реалистӣ зери таъсири адабиёти рус мебошад. Ба ҳамин хотир диссертант дуруст таъкид мекунад, ки "қонуниятҳои жанрии ҳикояи тоҷикиро аз ибтидо (манзур аз оғози садаи XX) тарзи тасвири реалистӣ муайян ва мушаххас менамуд". Дар идомаи баҳси мазкур муҳаққиқ ҳикояи реалистиро ба ду гуруҳи калон тақсим мекунад. Гуруҳи аввал, ҳикояҳое, ки бар пояи воқеа ё воқеиятҳои мухталифи рӯзгори муосирон таълиф шудаанд. Гуруҳи дуюм ҳикоёте ҳастанд, ки ба хотири нишон додани чеҳраи зоҳирӣ ва ботинии шахс офарида шудаанд. Воқеан, яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи жанри ҳикоя ин зарфият ва усулҳои кашфи бадеии инсон ва шахсияту ҳайсияти он мебошад. Чунки худи объекти тасвир шеваи шахсиятпардозиро тақозо мекунад. Аз ин ҷиҳат, ҳикояи давраи истиқлол ҷолибиятҳои зииёд дорад. Чунки таҳаввулоти босуръате, ки дар ҷомеа, баъди ба истиқлол расидани кишварамон, ба амал омад, шаклҳо ва типҳои нави воқеият ва шахсияти достониро дар пешорӯи нависандагон гузошт. Адибони соҳибтаҷрибае, мисли Ф.Муҳаммадиев, П.Толис, Сорбон, С.Турсун, У. Кӯҳзод, К.Мирзоев, А.Самад ва дигарон дар ҳикояҳои солҳои охирашон ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, як силсила ҳикояҳои реалистӣ офаридаанд, ки воқеиятҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва ахлоқию маънавии муосирони моро ба таври хеле равшан бозтоб менамоянд. Дар диссертатсия М.Маҳмудов ҳикояҳои нависандагони номбурда аз нигоҳи тасвири ҳаводиси иҷтимоию ахлоқӣ баррасӣ намуда, дар баробари он, ба ҳунару истеъдоди нигорандагии муаллифон баҳои воқеӣ медиҳад, ки арзиши илмии таҳқиқотии ӯро меафзояд. Дар диссертатсия, инчунин, баъзе норасоиҳои ҳикояҳои нависандагони ҷавону камтаҷриба ҳам зикр мегардад, ки он низ аз аҳамият холӣ нест.

Ба таври куллӣ, диссертант равандҳои инкишофи жанри ҳикояро дар адабиёти давраи истиқлол асосан дуруст муайян намуда, натиҷагириҳои худро аз пажуҳиши мавзӯъ дар даҳ банд дар бахши

хулосаи диссертатсия меоварад, ки аксари онҳо қобили мулоҳиза мебошанд.

Бояд гуфт, ки, дар баробари дастовардҳои зикргардида, дар пажуҳиши мазкур баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад:

1. Дар боби аввали диссертатсия агар дар як фасли алоҳида собиқаи инкишофи жанри ҳикоя дар адабиёти классикӣ тавзеҳ дода мешуд, беҳтар мешуд.
2. Масъалаи таъсири адабиёти рус ба инкишофи ҳикояи реалистии тоҷики садаи XX бо мисолҳои мушаххас ва баррасиҳои татбиқӣ баён мегардид, арзиши илмии диссертатсия меафзуд.
3. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ ба назар расид, ки онҳоро бояд ислоҳ кард.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи “Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)” тадқиқоти комил ва ба анҷомрасида мебошад. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант қобили эътимод буда, диссертатсия дар сатҳи лозимии илмию пажуҳишӣ таҳия ва таълиф гардидааст. Аз ин рӯ, диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.04. –Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

Доктори илмҳои филология,
ректори МДТ “Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М. Турсунзода” Низомӣ Муҳриддин Зайниддин

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Хоразмӣ, 1/7, хонаи 90.
Тел: (+992) 918714350
E-mail: nizomi73@mail.ru

Имзои М.З. Низомиро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода” Ҳамидова Заррина Ҳабибовна

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73А.
тел: (+992) 37-231-18-27
E-mail: tajartins@yandex.com

10.11.2023